Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №22 (2849) | ПАНҶШАНБЕ, 23 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## Артиши миллӣ сипари боэътимоди Ватани азизи мост

**Паёми табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 19-умин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*22 феврали соли 2012*

**Мӯҳтарам афсарону сарбозон ва собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳ!**

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори 19-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи кишварамон самимона табрику таҳният гуфта, ба ҳар яки шумо дар иҷрои вазифаи пуршарафу муқаддас - ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таъмини суботу оромии давлат ва ҷомеа комёбиву барори кор орзу менамоям.

Артиши миллӣ яке аз рукнҳои муҳимтарини давлатдории миллӣ ва сипари боэътимоди Ватани азизамон мебошад. Артиши миллии мо, ки дар шароити бисёр вазнини сиёсиву иқтисодии кишвар таъсис дода шуд, дар натиҷаи таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати кишвар тадриҷан устувору қавӣ гардида, бо кадрҳои соҳибихтисос ва соҳиби донишу малакаи баланди касбӣ, техникаву таҷҳизоти муосир таъмин мебошад ва имрӯз мо метавонем дилпурона изҳор намоем, ки он ба нерӯи пурқудрати дорои ҷузъу томҳои замонавӣ табдил ёфтааст.

Ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ дар давоми солҳои мавҷудияти худ барои барқарор намудани сохти конститутсионӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, ба эътидол овардани вазъи сиёсиву ҳарбӣ, пуштибонӣ аз сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ фидокорона ва далерона хизмат кард.

Мехоҳам махсус таъкид намоям, ки ба номи муҳофизони шуҷои Ватан ва эҳтироми мардуми кишвар на ҳар кас мушарраф шуда метавонад. Зеро ин касби душвор, вале пурифтихор аз ҳар як хизматчии ҳарбӣ нияти нек, садоқат ба Ватан – Модар, виҷдони пок ва дили гармро тақозо мекунад.

Ҳукумати Тоҷикистон имрӯзҳо низ ҷиҳати мустаҳкам намудани пояҳои моддиву техникии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, бо кадрҳои баландихтисос такмил додани сафҳои онҳо, беҳтар кардани шароити зиндагӣ ва хизмати ҳайати шахсӣ диққати махсус зоҳир менамояд.

Бо итминони комил изҳор медорам, ки афсарону сарбозони шуҷои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ ба савганди ҳарбии худ содиқ монда, рисолат ва ӯҳдадориҳои худро дар назди давлат ва мардуми кишвар бо сарбаландӣ иҷро менамоянд ва тамоми донишу таҷриба, малакаву маҳорати худро ба хотири ҳифзи дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ сафарбар менамоянд.

Бори дигар ҳайати шахсии ҳамаи ҷузъу томҳо, тамоми хизматчиёни ҳарбӣ ва халқи Тоҷикистонро ба муносибати Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ табрик намуда, ба ҳомиёни воқеии кишвар саломативу хонаободӣ, дар ҳифзи осудагиву оромии Ватан барори кор ва ба Тоҷикистони азизамон сулҳу суботи ҷовидона орзу менамоям.

**Идатон муборак, муҳофизони далеру шуҷои Ватан!**

## Оромию суботи кишвар аз ҳар як муҳофизи марзу буми кишвар вобаста аст

**22 феврали соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарияти сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба истиқболи солгарди 19 – уми таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон машварати идона доир намуд.**

Сарвари давлат, Сарфармондеҳи олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони вазорату идораҳои қудратӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва дар симои онҳо тамоми ҳайати шахсии Артиши миллӣ ва кулли воҳидҳои низомиро бо солгарди 19 –уми таъсиси нерӯҳои дифоии кишвар табрику таҳният гуфта, ба онҳо барои ҳифзи амну суботи Ватани азиз ва ҳаёти осоиштаи мардуми заҳматкаш матонату далерӣ, бурдборӣ, барору комёбӣ, сиҳатии комил ва хушбахтӣ таманно намуд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо ёдоварӣ аз таърихи на чандон тӯлонӣ, вале пур аз шебу фарози Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид дошт: «Мо артиш надоштем, ҳатто афсару генерали низомӣ надоштем. Ин воқеияти пурдаҳшати он солҳо буд ва ҳар як афсару сарбоз бояд хуб донад, ки мо дар шароити вазнини зери хаймаҳои саҳроӣ дар фурудгоҳи Айнӣ Артиши миллӣ таъсис додем».

Ҳамчунин таъкид гардид, ки ҳоло таъминоти моддию техникии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, яъне маоши афсарону сарбозон ва кормандони дигар мақомоти қудратию ҳифзи ҳуқуқу тартибот, таъминот бо либосворию хӯрока, техникаю таҷҳизоти муосири хизмати ҳарбӣ ва ғайра нисбат ба солҳои пешин даҳҳо баробар афзудааст ва ин ҳар як муҳофизи марзу буми Ватан ва оромию суботи кишварро ба хизмати софдилонаю садоқатмандона водор месозад.

Президенти кишвар, Сарфармондеҳи олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар фароварди машварат онҳоро бори дигар бо ин санаи фарханда шодбош гуфта, таъкид дошт, ки ба боварию эътимоди мардуми шарафманди Тоҷикистон чун муҳофизони шуҷои Ватан ва рӯзгори осудаи сокинони он сазовор бошанд.

*www.prezident.tj*

## Сарвари давлат назди масъулин вазифаҳои мушаххас гузошт

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 22 феврали соли 2012 ахбори масъулини ҷумҳуриявӣ ва маҳаллиро доир ба оқибатҳои боришоти зиёди барфу борони рӯзҳои охир шунида, барои амалӣ намудани чораҳои саривақтӣ супоришҳои мушаххас дод.**

Доир ба ҳолати роҳҳои мошингард ва дигар соҳаҳои осебпазир ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон раисони вилоятҳои Суғду Хатлон Қоҳир Расулзода ва Ғайбулло Авзал, муовини Сарвазири кишвар Муродалӣ Алимардон, вазири нақлиёт Низом Ҳакимов, вазири кишоварзӣ Қосим Қосимов, раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ Хайриддин Абдураҳимов ва раисони ноҳияҳои Айнӣ, Варзоб, Ҷиргатол, Тавилдара, Рашт, Нуробод ва Файзобод ахбор доданд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар назди онҳо доир ба сафарбар намудани нерӯву имконоти иловагӣ, ҳар чӣ зудтар тоза кардани роҳҳои мошингард аз барфу тарма, кӯмак расонидан ба одамони дармонда, таъмини онҳо бо хӯроки гарм, барқарор намудани ҳолати маъмулии шабакаҳои нақлиётӣ, таъмини муассисаҳои маорифу тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии ноҳияҳои баландкӯҳ бо сӯзишворӣ ва маводи ғизоӣ ва ҳамчунин доир ба дастгирии чорводорон барои беталаф аз зимистони тӯлонии имсола баровардани чорво вазифаҳои мушаххас гузошт.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки барои дастгирии мардуми ниёзманди бар асари бориши барфу борони зиёд осебдида аз тамоми имкону захираҳои мавҷуда истифода карда шавад.

*www.prezident.tj*

● Мушкилот ва пешниҳод

## Ҳамбастагии илму истеҳсолот кафолати рушди соҳибкории истеҳсолӣ аст

Дар шароити муосири инкишофи муносибатҳои бозорӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон занҷири табиии рушди иқтисодиёт «илми бунёдӣ ~ илми татбиқӣ ~ истеҳсолот» гусаста шудааст. Бинобар ин, имрӯз бояд яке аз масъалаҳои муҳими дигаргунсозиҳо дар иқтисодиёти миллӣ пайвастани занҷири «илм-истеҳсолот» ба ҳисоб равад. То он лаҳзае, ки таври зарурӣ ин занҷир пайваст нагардад, дастовардҳои илмӣ-тадқиқотӣ, инноватсияҳо дар амал татбиқ намегарданд. Агар мо хоҳем, ки дар Тоҷикистон соҳибкории истеҳсолӣ рушд кунад, ба ҳамбастагии илм ва истеҳсолот бояд аҳамияти хеле ҷиддӣ дод. Вазъияти ҷории татбиқи натиҷаҳои корҳои илмӣ дар истеҳсолот чандон қаноаткунанда нест. Корхонаҳо ба илм ва натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд. Идомаи чунин рафтор барои рушди соҳаи илм ҳалокатовар буда метавонад, зеро имрӯз гарчанде соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, хусусан бахши воқеии иқтисодиёт, ба дастовардҳои илмӣ-тадқиқотӣ ниёз доранд, аммо набудани майлу рағбат ба истифодаи онҳо чунин тадқиқотҳоро нолозим мегардонад.

Инкишофи тадқиқоти илмӣ омили муҳими пешрафти истеҳсолот, маориф, тандурустӣ, сохтмон, мудофиа ва дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ мебошад. Техникаву технологияҳое, ки дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон истифода мешаванд, сифати молу хизматрасониҳои истеҳсолшаванда, ҳаҷми фоидаи соҳибкорон ва дар ниҳоят суръати рушди Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД) ва сатҳи некӯаҳволии мардумро баланд мебардоранд.

Имрӯз дар иқтисодиёти мамлакат дигаргунсозиҳои инноватсионӣ на танҳо барои саноат, балки барои соҳаи хизматрасонӣ, маориф ва дигар соҳаҳо низ хеле зарур мебошанд. Ташаккул ва инкишофи иқтисодиёти инноватсионӣ дар Тоҷикистон имконияти аз содиркунандаи ашёи хом ба содиркунандаи маҳсулоти тайёр табдил додани мамлакатро фароҳам сохта, барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ заминаҳои воқеӣ ба вуҷуд меорад. Дар раванди ташаккули иқтисодиёти инноватсионии мамлакат як катор мушкилот ҷой доранд. Аз ҷумла мавҷуд набудани зерсохтори зарурӣ барои рушди инноватсия, омода набудани корхонаҳо барои ҷорисозии инноватсия, норасоии кадрҳои баландихтисос барои татбиқи инноватсия, ҳамкории на он қадар ташаккулёфтаи байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар бо корхонаҳои саноатӣ, норасоии маблағгузорӣ ба соҳаи илм ва ғайра муҳимтарини онҳо мебошанд. Дар марҳилаи феълии инкишофи муносибатҳо ва густариши механизми иқтисоди бозорӣ дар мамлакат зарур аст, ки ин проблемаҳо ба зудӣ ҳалли худро ёбанд, зеро иқтисодиёт низоми ягонаи комил аст ва инкишофи он бояд ба таври комплексӣ сурат гирад.

(Идома дар саҳ. 2)

## Иттифоқҳои қарзӣ ба пастшавии фоизи қарзҳо мусоидат мекунанд



Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 феврали соли 2012 бо ибтикори Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия ҷиҳати баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои қарзӣ» муҳокимаи парламентӣ доир шуд. Аз суханронии раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сафаралӣ Раҷабов маълум гардид, ки лоиҳаи қонуни фавқуззикр бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Раҷабов, И. Талбаков, С. Гулов ва М. Нозимов пешниҳод шудааст. Ҳадафи асосии пешниҳоди лоиҳаи қонун, бино ба гуфти Сафаралӣ Худоёрович, иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати истифодаи самараноки сарчашмаҳои дохилӣ-пасандозҳои аҳолӣ баҳри рушди иқтисодиёти мамлакат маҳсуб меёбад.

Яке аз муаллифони қонун - Исмоил Талбаков вобаста ба муҳимияти лоиҳаи қонуни мавриди баррасӣ сухан ронда, минҷумла зикр кард, ки айни замон иттифоқҳои қарзӣ дар 92 давлати олам фаъолият дошта, зиёда аз 200 миллион нафар иштирокчии он мебошанд. Теъдоди иттифоқҳои зикршуда, тибқи маълумоти дастрасшуда, 46,6 ҳазор буда, сандуқи қарзии онҳо қариб ба як триллион доллари ИМА расидааст. Бино ба гуфти номбурда, дар воҳӯриҳо интихобкунандагон истифодаи самараноки манбаъҳои иловагиро барои пешниҳоди қарзҳо аз ҳисоби ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ба истеҳсолоти воқеӣ мунтазам таъкид менамоянд. Дар зарфи 10 соли охир пасандозҳо ба ташкилотҳои қарзӣ беш аз 32 баробар зиёд гардида, соли 2010-ум 3,3 миллиард сомониро ташкил дод. Қариб нисфи онро пасандозҳои аҳолӣ ташкил медиҳанд. Натиҷаи ҳамин аст, ки имконияти молиявии ташкилотҳои қарзии ватанӣ хеле беҳтар гардидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳоло ҳам имкониятҳои истифоданашуда хеле зиёданд. Аз ин хотир идома додани сиёсати таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ ва вусъати фаъолияти онҳо бо роҳи такмил додани шароит барои ҷалби воситаҳои озоди пули аҳолӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонии бонкӣ ва соддаву шаффоф намудани тартиби анҷомдиҳии он дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст.

-Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои қарзӣ», ба ақидаи мо, яке аз санадҳои муҳиме хоҳад шуд, ки асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва молиявии иттифоқи қарзиро муқаррар намуда, муносибатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, ки дар фаъолияти иттифоқи қарзӣ ба миён меоянд, ба танзим дароварда, манфиатҳои иштирокчиёни иттифоқи қарзиро ҳифз намуда, самаранок истифодабарии манбаъҳои захираҳои қарзиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд, - бовар дорад Исмоил Талбаков.

Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Л. Саидмуродов, А. Сафаров, Н. Турдиматова, Б. Афзалшоева, С. Холов ва Д. Ҷабборов лоиҳаи мавриди баррасиро дар маҷмӯъ дастгирӣ намуда, онро мусоидаткунандаи рушди иқтисодиёти кишвар арзёбӣ карданд.

Муовини аввали раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Юсуфиён, директори иҷроияи Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Акбаров, директори генералии ҶСП ТАҚХ «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» Н. Рустамова, сардори Сарраёсати қарзи давлатӣ ва дороиҳои моликияти давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Усмонов, мудири шӯъбаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон З. Сиддиқов ва дигарон низ роҷеъ ба лоиҳаи қонуни мазкур андешаҳояшонро иброз доштанд. Дар анҷоми муҳокимаи парламентӣ, бо назардошти пешниҳодоти иброзгардида, қарори дахлдор қабул гардид.

*Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум», Суратгир А. ИСОЕВ*

● Аз рӯзгори навоҳии музофотӣ

## Ҳамқадам ва самараи Истиқлол



**Аз рӯйи ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти соҳаҳои хоҷагии халқи Тоҷикистон вилояти Суғд беҳтарин вилоят дар ҷумҳурӣ дониста шуд. Дар кори таъмини чунин дастовардҳо ҳамаи шаҳру навоҳии вилояти Суғд, аз ҷумла ноҳияи Шаҳристон низ, саҳми босазо дорад.**

**Ноҳияи Шаҳристонро метавон самараи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон шуморид, зеро ин мавзеи музофотии кишвар ҳамчун ноҳия бо қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 августи соли 1990 аз нав барқарор гардида, маҳз дар замони мустақилияти кишвар обод шуд ва қомат афрохт. Биноҳои нави хуштарҳу замонавии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия, шӯъбаҳои беморхонаи марказӣ, филиали ҶСК «Агроинвестбонк», раёсати молия, суди ноҳия, нозироти андоз, «Тоҷиктелеком», «Тоҷиксуғурта» ва чандин иншооти таълимию истироҳатӣ ва тиҷоратию фароғатии ноҳия маҳз ба шарофати Истиқлолияти кишвар эъмор гардида, якҷо бо табиати зебо ва кӯҳҳои сарбафалак ба ҳусни ин диёр ҳусни тоза зам менамоянд. Дастовардҳо дар тавсеаи хоҷагии халқи ноҳия низ кам нестанд.**

**Наим Набиевич Муқумов соли шашум аст, ки сарварии ин ноҳияро ба ӯҳда дорад. Муҳовараи хабарнигорони «Садои мардум» баёнгари фаъолияти ноҳия дар соли 2011 ва нақшаҳо барои соли 2012 мебошад.**

**- Лутфан бигӯед, ки соли 2011 барои мардуми ноҳияи Шаҳристон чӣ гуна сол буд?**

- Соле, ки сипарӣ шуд, барои тамоми мардуми кишвари мо, аз ҷумла мардуми шарифи Шаҳристон, соли ифтихор аз давлату миллат, соли бо дастовардҳои баланд ҷашн гирифтани 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии кишвар, соли пешравию музаффариятҳо буд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳристон фаъолияти худро мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ намуда, дар амри баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, таъмини фаъолияти соҳаҳои иҷтимоӣ, ободу зебо гардонидани маҳалли зист, беҳтар намудани зисту зиндагии мардум ва истиқболи сазовори ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон корҳои зиёд ба анҷом расонид.

Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот соли гузашта ба 115,4 млн. сомонӣ, аз он ҷумла ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ 4,7 млн. сомонӣ, ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 110,7 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба соли 2010-ум 509,2 ҳазор сомонӣ зиёд ё ин ки 101,2 фоизро ташкил медиҳад.

Даромади буҷети ноҳия 7,5 млн. ҳазор сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба нақша 287,1 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Буҷети маҳаллӣ 2,8 млн. сомонӣ ё ин ки нисбат ба нақша 362 ҳазор сомонӣ зиёд (114,5 фоиз) иҷро гардид. Лозим ба ёдоварист, ки ҳамаи 15 манбаи даромади буҷети маҳаллӣ пурра иҷро шуд.

**- Шаҳристон ноҳияи аграрист. Чанд сухан дар мавриди пешравиҳои ин соҳа мегуфтед?**

- Чуноне болотар ишора кардам, кишоварзони ноҳия ба маблағи 110,7 млн. сомонӣ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол намуданд.

Соли гузашта дар майдони 16660 гектар зироат, аз он ҷумла ғалладонагиҳо – 12595 гектар, кишти зироатҳои равғандеҳ – 189 гектар, картошка-1040 гектар, сабзавот-188 гектар, зироати хӯроки чорво-1522 гектар кишт шуда, 65,9 гектар боғ ва токзор бунёд ёфт.

Хоҷагиҳои ноҳия дар 4518 гектар кишти тирамоҳӣ гузарониданд.

Дар натиҷа, соли гузашта якҷоя бо аҳолӣ 19728 тонна ғалладонагӣ, 24754 тонна картошка, 4399 тонна сабзавот, 301 тонна меваҷот, 61 тонна зироати техникӣ истеҳсол карданд.

Дар хоҷагиҳои ноҳия якҷоя бо аҳолӣ 5204 тонна шир, 752 тонна гӯшт, 583 ҳазор дона тухм, 31 тонна пашм истеҳсол шуд.

Ҷамъоварӣ намудани 13000 тонна хошоки дурушт ба нақша гирифта шуда, 16100 тонна хошок ҷамъоварӣ ва захира гардид.

**- Ободӣ, чуноне мо шоҳид будем, дар ҳақиқат ривоҷ дорад. Натиҷаҳои бадастовардаи бинокорон чӣ гунаанд?**

- Дар ноҳия корҳои сохтмону васлкунӣ ба маблағи 6,3 млн. сомонӣ иҷро гардидааст. Аз ҷумла соли гузашта бинои нави шӯъбаи таваллуд ва амрози занонаи беморхонаи марказии ноҳия, филиали БДАТ «Амонатбонк»-и ноҳия, варзишгоҳи ба номи Маҳмуд Бобоев дар маркази ноҳия, варзишгоҳи деҳоти Янгиқӯрғон, бинои толори варзишӣ дар маркази ноҳия барои истифода супорида шуд. Корҳои сохтмонии бинои Шӯъбаи маорифи ноҳия, бинои нотамоми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №6 дар деҳаи Чашмасор, сохтмони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №7 дар деҳаи Саробӣ дорои 10 синфхона, мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №9 дар деҳаи Қарабчӣ дорои 8 синфхона, инчунин сохтмони мактаби нав дар деҳаи Шаҳристон идома дорад.

(Идома дар саҳ. 2)

# Ҳамқадам ва самараи Истиқлол

(Идома аз саҳ. 1)

**- Як назар ба вазъи мактабу маориф ва тандурустӣ афканем...**

- Дар мактабҳои ноҳия 853 нафар омӯзгорон, аз он ҷумла 377 нафар занон, ба таълиму тарбияи 8472 нафар хонандагон машғул мебошанд.

Дар мактабҳои ноҳия 19 синфҳои компютерӣ ташкил ва бо 233 адад компютер таъмин шудаанд. Чор мактаб бо барқи озод пайваст буда, 19 мактаб бо генераторҳои барқӣ муҷаҳҳаз шудааст.

Ба аҳолии ноҳия беморхонаи марказии ноҳия, маркази саломатии ноҳиявӣ, ду маркази саломатии деҳот, 11 хонаи саломатӣ , панҷ маркази тиббӣ, як нуқтаи ёрии таъҷилӣ, як нуқтаи хунгузаронӣ, се санҷишгоҳ ва хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ хизмат мерасонад.

**- Ҳини ворид шудан ба ноҳия дар сари роҳ назарамон ба муҷассамаи модагурге афтод, ки ду тифлакро шир медод. Он чӣ таърих дорад?**

- Шаҳристон таърихи бойи қадима дошта, тақрибан се ҳазор сол пеш ҳамчун пойтахти мулки Истаравшан бо номи Бунҷикат маъруф будааст. Кашфиётҳои ҳафриётии Қаҳ-Қаҳа, Чилдухтарон ва тасвири «Модагург» аз ин шаҳодат медиҳанд. Мувофиқи ривояти қадим, муҳофизони шаҳри Трояи Осиёи Хурд бо сардори Энейписари Афродита ва Аихис баъди мағлубият аз душманон ба киштиҳо савор шуда, ба музофоти Латсимими Итолиё меоянд. Дар ин ҷо пасавлоди Эней ва писари ҳокими Албалонг Амули бо умеди нест кардани ворисони тахт-Ромул ва Рем, ки аз насли Эней ва кӯдакони Марс ва Рея Силвия буданд, экизакҳоро ба дарёи Тибр мепартоянд, вале кӯдакон бо ёрии махлуқони обӣ наҷот меёбанд ва онҳоро модагурге парвариш мекунад. Ин аст мазмуни тасвираи модагург.

**- Чун сухан аз таъриху фарҳанг рафт, лутфан бигӯед, ки вазъи фарҳанг, даъвати ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ гуна аст?**

- Дар ноҳия се хонаи фарҳанг, панҷ клуби деҳот, як китобхонаи бачагона, як китобхонаи системаи марказонидашуда ва нӯҳ филиали он дар деҳаҳо амал мекунад.

Кормандони соҳа дар чорабиниҳои умуминоҳиявӣ, санаҳои таърихӣ ва ҷашнвораҳо саҳми арзанда гузошта, дар ҳамаи деҳаҳои ноҳия чорабиниҳои фарҳангӣ доир намуданд. Намоиши ярмаркаи ҳунарҳои бадеӣ дар шаҳри Душанбе, чорабиниҳои фарҳангӣ дар шаҳри Хуҷанд бо сатҳи баланди омодагӣ ташкил ва баргузор гардид.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия соли гузашта барои таъмири бинои хонаи фарҳанг ва харидории таҷҳизот 19700 сомонӣ маблағ ҷудо кард. Дар натиҷа, хонаи фарҳанги ноҳия хушсифат таъмир ва барои баргузории чорабиниҳо мувофиқ кунонида шуд.

Барои таъмини мунтазами фаъолияти нуқтаҳои радиошунавонӣ ба маблағи 3334 сомонӣ дастгоҳи пахши овоз харидорӣ гардид.

Нақшаи даъвати баҳорӣ ва тирамоҳии ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра иҷро гардид, ки дар миқёси ҷумҳурӣ ин нишондиҳанда яке аз аввалинҳо маҳсуб меёбад.

Дар ноҳия як мактаби варзишӣ, ду варзишгоҳ, панҷ толори варзишӣ, 15 майдончаи варзишӣ мавҷуд аст.

Дар асоси Низомномаи Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилояти Суғд рӯзҳои 23-26 ноябри соли гузашта дар шаҳри Хуҷанд мусобиқа аз рӯйи намуди бокс баргузор гардид, ки дар он 28 нафар варзишгарони ноҳия иштирок намуда, дар вазни 75-80 кг ду нафар ҷойи якум, се нафар ҷойи дуюм ва чор нафар ҷойи сеюмро ишғол намудаанд.

Соли 2011 дар Чемпионати ҷаҳон оид ба гӯштии камарбандӣ, ки дар шаҳри Астрахани Федератсияи Россия баргузор гардид, варзишгари ноҳия Мусурмонқул Мустафоқулов дар вазни 62 кг ҷойи сеюмро ишғол намуд.

Баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми мулоқот бо варзишгарони кишвар бо мақсади таъмиру таҷдиди иншооти варзишӣ, ташкили майдончаҳои варзишӣ дар деҳаю маҳаллаҳои ноҳия аз ҳисоби маблағҳои буҷети ноҳия барои таъмири варзишгоҳи маркази ноҳия 279 ҳазор сомонӣ, барои таъмири толори варзишӣ 98 ҳазор сомонӣ ва барои таъмири варзишгоҳи Ҷамоати деҳоти Янгиқӯрғон 80 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо шуда, иншооти мазкур дар рӯзи ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон мавриди истифода қарор ёфт.

**- Зимистони имсола хеле сард омад, хоса дар ноҳияи кӯҳии Шаҳристон. Оё мактабу маориф ва соҳаи тандурустӣ аз ин азият намекашанд?**

- Мо дар ин ҷода ягон мушкилӣ надорем, зеро дар муассисаҳои таълимии ноҳия 398 тонна ангиштсанг ва 160 метри кубӣ ҳезум захира шудааст, ки мутаносибан 105 ва 114 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Дар муассисаҳои тандурустии ноҳия 68 тонна ангиштсанг ва 51 метри кубӣ ҳезум захира шудааст, ки ин мутаносибан ба 227 ва 100 фоизи нақша баробар мебошад.

Барои қонеъ гардониданы эҳтиёҷоти аҳолии ноҳия Ҷамъияти матлуботи ноҳия 16 нуқтаҳои фурӯши ангиштсанг, чор нуқтаи фурӯши гази моеъ ва як нуқтаи фурӯши ҳезум ташкил намудааст.

**- Ноҳияро дар соли нав чӣ гуна вазифаҳо дар пешанд?**

- Вазифаҳои аввалиндараҷаи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия дар соли 2012-ум ин пеш аз ҳама таъмини волоияти қонун, иҷрои бемайлони санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, баланд бардоштани иқтисодиёт ва дараҷаи зисти зиндагонии халқ, вусъат бахшидани корҳои ободонию созандагӣ ва кабудизоркунӣ, сари вақт ба охир расонидани кишти зироатҳои кишоварзӣ, зиёд намудани майдони кишти картошка, таъмини саривақтии иҷрои нақшаи андоз, бо дастовардҳои арзанда истиқбол намудани ҷашни 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 15-солагии Ваҳдати миллӣ мебошад.

*Абдулмаҷид МУРОДОВ,*
*Ҳусейни НАЗРУЛЛО,*
*«Садои мардум»*

# Ҳамбастагии илму истеҳсолот кафолати рушди соҳибкории истеҳсолӣ аст

(Идома аз саҳ. 1)

Имрӯзҳо аз ҷониби Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди фаъолияти инноватсионӣ дар мамлакат диққати хоса дода мешавад. Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти анъанавии худ ба муносибати Рӯзи дониш ва оғози соли нави таҳсил зикр намуданд, ки дар шароити имрӯзаи рушди босуръати илм ва техникаву технология ҳар як давлат нерӯи зеҳнии ҷомеаро ба кашфиёту ихтирооти нав ва тавсеаи соҳаҳои гуногуни истеҳсолӣ равона месозад. Қобили зикр аст, ки чунин муносибат ба фаъолияти инноватсионии соҳаҳои илму маориф такони ҷиддӣ бахшида, дар навбати худ ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва баланд шудани сатҳу сифати зиндагии мардум мусоидат менамояд.

Воқеан, дурнамои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон бо ташаккули низоми иқтисодии инноватсионӣ алоқаманд аст, ки он дар навбати худ ба густариши фаъолияти инноватсионии субъектҳои хоҷагидорӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, ҳамчунин дар ин замина таъмин намудани сатҳи некӯаҳволӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум равона гардидааст. Бояд зикр намуд, ки ҳалли проблемаи рушди инноватсионии иқтисодиёти Тоҷикистон бевосита бо истифодаи соҳибкорӣ ҳамчун омили асосии рушди иқтисоди миллӣ алоқаманд аст.

Дар ин мулоқот аз нутқи пурмӯҳтавои Президенти кишвар дақиқ ва возеҳ дарк карда мешуд, ки имрӯз ҳар як давлат бояд тамоми нерӯи зеҳнии хешро ба ихтироот, кашфиёту инноватсия ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории истеҳсолӣ, равона созад. Ҳамчунин таъкид гардид, ки талаботи ҳаёт, робитаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвари соҳибистиқлоли мо аз ҳар як шаҳрванд тақозо мекунад, ки бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ гардад, барои рушди инноватсионӣ ва рақобатпазирии кишвари худ талош варзад. Дар баробари ин, барои ба ин ҳадафҳо ноил гардидан зикр гардид, ки минбаъд бояд дар марҳилаҳои гуногуни таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ислоҳоти ҷиддӣ анҷом дода шавад. Бо ин мақсад пешниҳод шуд, ки ислоҳоти мазкур бояд, қабл аз ҳама ба таҳкиму такмили пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ ва омода намудани мутахассисони баландихтисосу кордон барои соҳаҳои истеҳсолӣ нигаронида шавад.

Дар мулоқоти мазкур макотиби олии мамлакат вазифадор шуданд, ки дар ҳамкорӣ бо дигар муассисаҳои илмӣ, касбӣ ва истеҳсоливу тиҷоратӣ, пойгоҳҳои технологӣ ва марказҳои илмию тадқиқотии инноватсионӣ таъсис диҳанд ва барои истеҳсоли маҳсулоти қобили рақобат аз ҳама имконияту захираҳои мавҷуда босамар истифода намоянд.

Дарвоқеъ вазифаи асосии тадқиқоти илмӣ дар макотиби олӣ рӯ овардан ба тадқиқоти илмӣ мувофиқи талаботи бозор ва бо ин васила ташаккули роҳи инноватсионии инкишофи саноати мамлакат, ҳамчунин амалисозии лоиҳаҳои инноватсионӣ дар соҳаи илму техника мебошад. Имрӯз бояд тамоми соҳаҳои асосии иқтисодиёти Тоҷикистон, бахусус соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, марҳила ба марҳила таҷдид гардида, бо технологияи наву пешрафта таҷҳизонида шаванд.

Пас аз мулоқоти мазкур баҳри иҷрои супоришу ҳидоятҳои Сарвари давлат аз ҷониби роҳбарияти Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат барои боз ҳам вусъат бахшидани равандҳои инноватсионӣ дар донишкада чораҳои лозимӣ андешида шуданд. Дар донишкада бо мақсади баланд бардоштани алоқамандии илму техника бо истеҳсолот ва татбиқи дастовардҳои илмӣ-тадқиқотии донишҷӯёну устодон ва эҳёи ҳунарҳои қадимаи миллӣ ва тавсеаи ҳунаромӯзии донишҷӯён Парки технологии ҳунарҳои мардумӣ (кулолгарӣ) таъсис шудааст.

Ғайр аз ин, бо мақсади ҳамбастагии илм ва истеҳсолот дар ҳамкорӣ бо Раёсати рушди илм, техника ва технологияи Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои афзалиятноки тадқиқот дар донишкада таҷдиди назар ва дар ин самт кори муайян, аз қабили пешниҳоди лоиҳаҳои марбут ба рушди истеҳсолоти саноатӣ, барномасозӣ, татбиқи техника ва технологияи компютерӣ ва ғайра анҷом дода шуд, зеро танҳо дар ин ҳолат пешбурду амалӣ сохтани корҳои илмӣ-тадқиқотиро ҳам аз ҷониби донишкада ва ҳам корхонаҳои истеҳсолӣ ҳамоҳанг ва фаъол намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидан мумкин аст.

Олимону тадқиқотчиён вазифадор гардиданд, ки тадқиқоти илмии худро дар самтҳои гуногуни рушди инноватсия дар мамлакат анҷом диҳанд ва барои татбиқи онҳо дар амалия ҳамаҷониба саъю кӯшиш намоянд. Вобаста ба ин, ҳаҷми тадқиқот дар донишкада афзуда, лоиҳаҳои нави илмӣ-тадқиқотӣ ба кор андохта шуд. Масалан, лоиҳаи илмӣ-тадқиқотии «Роҳҳо ва усулҳои такмили тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи туризм», барномаи илмӣ-амалии ихтисоси туризм бо Созмони байналмилалии хайриявии хадамоти ихтиёрӣ (VSO), барномаи Темпус «Коркард ва ҷорӣ намудани тарбияи рушди устувори соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барномаи Tempus «Муҳандисии компютерӣ» ба роҳ монда шуд, ки имкони воқеии тайёр кардани кадрҳоро баҳри ҳамбастагии илму истеҳсолот ба вуҷуд меорад.

Иқдоми мазкур, пеш аз ҳама ба амалисозии сиёсати давлатии инноватсионӣ равона гардидааст, зеро нақши олимону муҳаққиқон дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, кашфиёту ихтирооти гуногун дар соҳаҳои илму техника ва дар маҷмӯъ амалисозии сиёсати давлатии инноватсионӣ беандоза калон аст. Кафедраҳо ва дигар сохторҳои донишкада бо корхонаҳои саноатӣ ҳамкориҳои мутақобилаи судманд ба роҳ мондаанд ва дар таҳияи барномаҳои рушди инноватсионӣ ҳамкорӣ менамоянд. Ҳамчунин кафедраҳои донишкада барномаҳои инноватсионии худро баҳри иҷрои бефосилаи сикли инноватсионии таълим ва илм таҳия намуданд ва дар асоси барномаи мазкур донишҷӯёнро барои амалисозии лоиҳаҳои инноватсионӣ ҳавасманд менамоянд.

Қобили зикр аст, ки аз ҷониби Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккул ва инкишофи технопаркҳо дар мамлакат, махсусан дар сохтори муассисаҳои таҳсилотии олӣ, диққати хоса дода мешавад ва албатта, иқдоми мазкур имкон фароҳам месозад, ки зерсохтори инноватсионӣ ба вуҷуд ояд.

Макотиби таҳсилоти олии касбии мамлакат имрӯз дорои иқтидори бойи илмӣ мебошанд, ки он дар инкишофи иқтидор ва зерсохтори инноватсионӣ саҳми басо назаррас дошта метавонад. Бояд тазаккур дод, ки инноватсия дар он сурате нақши муҳим дошта метавонад, ки агар дар иқтисодиёт татбиқи хешро ёбад ва сатҳи боздеҳии он хуб бошад. Бо ин мақсад дар шароити имрӯзаи инкишофи мамлакат ва масъалаҳое, ки аз ҷониби Президенти кишвар дар назди олимону зиёиён гузошта шуданд, ҳамкории мутақобилаи муассисаҳои таълимӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ хеле зарур мебошад. Ба андешаи мо дар ин маврид якчанд роҳҳои ҳамкорӣ ҷой дошта метавонанд:

1. Парки технологӣ ё маркази инноватсионии дар назди муассисаи таълимӣ амалкунанда аз корхонаҳои истеҳсолӣ фармоиш гирифта, онро амалӣ мегардонад, корхона онро маблағгузорӣ менамояд ва инноватсия дар корхона татбиқ мегардад. Ҳамин тавр, муассисаи таълимӣ соҳиби подош мегардад ва корхонаи истеҳсолӣ раванди истеҳсолоти самаранокро ба роҳ монда, ба мақсади ниҳоии худ мерасад;

2. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи талаботи бозор, яъне бо роҳи омӯзиши тақозои корхонаҳои истеҳсолӣ, инноватсияро коркард менамояд ва баъд онро барои татбиқ дар раванди истеҳсолот ба корхонаҳо манзур месозад, аммо бояд зикр намуд, ки дар ин ҳолат хавфи пайдо нагардидани харидори он низ ҷой дорад. Лекин бояд дар назар дошт, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ дар ҳама гуна фаъолияти хоҷагидорӣ таваккал ҷой дорад ва дар ин маврид омӯзиши ҳамаҷонибаи тақозои корхонаҳо ба маҳсули инноватсия сатҳи бозоргирии онро зиёд намуда, таваккалро кам гардонида метавонад.

Ҷоиз ба зикр аст, ки маблағгузории илмҳои бунёдӣ имрӯз бояд самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ бошад, зеро бидуни он инкишофи иқтисодиёти инноватсионӣ ғайриимкон аст. Дар ин раванд, тавре зикр гардид, таъсиси технопаркҳо, ҳамчун шакли ҳамгироии илм ва истеҳсолот, хеле бамаврид аст, зеро технопаркҳо муҳитеро фароҳам меоранд, ки дар заминаи он инкишофи устувори соҳибкории илмӣ-технологӣ ва истеҳсолӣ ва ҳамчунин таъсиси корхонаҳои хурду миёна имконпазир мегардад. Ҳамин тавр, муассисаҳои таълимӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ имконият пайдо мекунанд, ки тавассути ҳайати илмӣ, муҳаққиқони алоҳидаашон барои анҷом додани тадқиқот ва дар ин замина истеҳсол намудани молу хизматрасониҳои рақобатпазир шароит фароҳам оваранд. Яъне, дар чунин ҳолат як коллективи босалоҳияти илмӣ ташаккул меёбад, ки он аз муаллифони ғоядеҳ, таҳиягарон, аспирантҳо, унвонҷӯён ва донишҷӯён иборат буда, онҳо метавонанд баъдан дар ин самт бевосита дар ҷараёни истеҳсолот кору фаъолиятро идома диҳанд. Чунин коллектив дар амалия дорои қобилият ва рӯҳияи устувори соҳибкории истеҳсолӣ мегардад. Ба ин тариқ, технопаркҳо метавонанд обрӯву нуфузи макотиби олӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмиро баланд бардоранд ва нақши онҳоро дар рушди иқтисоди миллӣ, бахусус соҳибкории истеҳсолӣ муайян созанд. Ба ин васила сармояи зеҳнӣ ва зерсохтори муассисаи таълимӣ метавонад ба омили муҳиме табдил ёбад, ки он манфиати саноат ва соҳибкориро ба инобат гирад ва қонеъ созад.

Ба ҳамаи мо маълум аст, ки низоми муосири иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон бо гузариш аз навъи такрористеҳсоли инкишоф ба навъи инноватсионии инкишоф тамоюл дорад, ки амалишавии он аз рушди фаъолияти инноватсионӣ вобастагӣ дорад. Ин навъи инкишофи муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дигаргунсозиҳои куллиро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва ҳаёти инсон тақозо менамояд. Имрӯз зарур аст, ки давлат ба инкишофи зерсохтори равандҳои инноватсионӣ, аз ҷумла таъминоти иттилоотии он, низоми экспертиза, низоми молиявӣ-иқтисодӣ, дастгирии истеҳсолӣ-технологӣ, низоми дастгирӣ ва татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот, низоми омодасозӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо диққати ҷиддӣ диҳад. Вазифаҳои асосии фаъолгардонии равандҳои инноватсионӣ дар мамлакат аз баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирии молу хизматрасониҳо, диверсификатсия ва такмили сохтори истеҳсолот ва содирот, истифодаи технологияҳои пешқадами истеҳсолот иборат мебошад.

Тавре зикр намудем, дар шароити муосири инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ ва пешрафти илмӣ-техникӣ таъмини рақобатпазирии саноати мамлакат танҳо бо роҳи инкишофи фаъолияти инноватсионӣ имконпазир аст. Ба андешаи мо, сабаби асосии рушд накардани фаъолияти инноватсионӣ дар мамлакат сатҳи пасти тадқиқоти илмӣ набуда, балки сатҳи нокифояи зерсохтори фаъолияти инноватсионӣ, мавҷуд набудани ҳавасмандии истеҳсолкунандагон ба амалисозии инноватсия мебошад. Фароҳамсозии зерсохтори фаъолияти инноватсионӣ яке масъалаҳои марказии ташаккули низоми инноватсионии мамлакат маҳсуб меёбад. Зерсохтори фаъолияти инноватсионӣ унсурҳои зиёдеро дар бар мегирад, ки ҳамаи онҳо дар маҷмӯъ низоми мукаммали фаъолияти инноватсиониро дар иқтисоди миллӣ ба вуҷуд меоранд.

Қабл аз ҳама, унсури муҳими он зерсохтори технологӣ мебошад, ки дастрасии корхонаҳоро ба захираҳои истеҳсолӣ таъмин менамояд. Ба зерсохтори технологӣ технопаркҳо, бизнес-инкубаторҳо ва марказҳои инноватсионӣ-технологиро мансуб медонанд, ки дар иқтисодиёти Тоҷикистон ба миқдори зарурӣ ва дар сатҳи лозимӣ ташкил нагардидаанд.

Унсури дигари фаъолияти инноватсионӣ зерсохтори машваратӣ мебошад, ки дар инкишофи фаъолияти инноватсионӣ нақши беназир дорад. Зарурат ва муҳимияти чунин зерсохтор дар он зоҳир мегардад, ки фаъолияти инноватсионӣ хусусиятҳои хосро доро аст ва дарки ҷанбаҳои гуногуни он танҳо дар натиҷаи андӯхтани таҷрибаи амалӣ имконпазир мегардад.

Омили дигаре, ки дар ташаккули зерсохтори мукаммали фаъолияти инноватсионӣ дар мамлакат садди роҳ гардидааст, масъалаи омодасозии кадрҳо дар самти фаъолияти инноватсионӣ мебошад, ки вобаста ба ин бо фармоиши Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат вазифадор гардидаанд, ки оид ба такмили барномаи омода сохтани ихтисосҳои нав ва мувофиқ ба фаъолияти инноватсионӣ чораҳои зарурӣ андешанд. Бояд зикр кард, ки дар муассисаҳои олии кишвар, бахусус дар Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, дар ин самт кори муайян анҷом ёфтааст.

Зерсохтори муҳимтарини дигар дар самти рушди фаъолияти инноватсионӣ масъалаи густариши татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ мебошад, ки истифодаи самараноки технологияҳои муосири таълим, истифодаи васеи натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар истеҳсолот, инкишофи равобити мустаҳками байни макотиби олӣ ва истеҳсолотро таъмин менамояд.

Дар самти таъмини рушди фаъолияти инноватсионӣ нақши зерсохтори молиявӣ низ калидӣ аст. Айни замон фишангҳои зиёди молиявӣ барои рушди фаъолияти хоҷагидорӣ мавҷуданд, аммо тадқиқот нишон медиҳад, ки айни замон сарчашмаи асосии маблағгузорӣ воситаҳои худӣ мебошанд. Имрӯз қарзи бонкӣ барои рушди фаъолияти инноватсионӣ хеле гарон ва кӯтоҳмуддат буда, монеаҳои зиёдеро эҷод сохтааст.

Омили дигаре, ки дар рушди фаъолияти инноватсионӣ нақши зарурӣ дорад, ташкили низоми ташаккулёфтаи фурӯш мебошад. Сатҳи пасти талаботи корхонаҳои саноатӣ ба натиҷаҳои илмӣ, ки яке аз омилҳои муҳими боздорандаи дараҷаи рушди фаъолияти инноватсионӣ маҳсуб меёбад, агар аз як ҷониб бо сатҳи пасти қобили пардохт будани корхонаҳо асоснок гардад, аз ҷониби дигар, сабаби он дар мавҷуд набудани иттилооти зарурӣ оид ба маҳсулоти инноватсионӣ ва хусусиятҳои татбиқи он маънидод мешавад. Ин масъала низ баҳри рушди босуботи фаъолияти инноватсионӣ дар иқтисоди миллӣ бояд ҳар чӣ зудтар ҳалли худро пайдо намояд.

Дар раванди ташаккули низоми миллии инноватсионӣ давлат нақши муайянро иҷро намуда, қоидаҳои амалкунӣ ва ҳамкории мутақобилаи иштирокчиёни фаъолияти инноватсиониро тавассути фароҳамсозии муҳити меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар менамояд. Ҳамин тавр, вақти он расидааст, ки баҳри ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ ва ҳамбастагии илму истеҳсолот чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

Ба андешаи мо, дар мадди аввал бояд чунин чораҳо амалӣ гардонида шаванд:

• Қабл аз ҳама такрористеҳсоли васеи дониш ҳамчун омили муҳимтарини ташаккули инноватсия бояд таъмин карда шавад. Баҳри амалисозии он зарур аст, ки мактабҳои илмӣ ва олимони ҷавон дастгирӣ ёфта, маблағгузорӣ дар ин самт зиёд карда шавад;

• Дар марҳилаи дигар бояд тақозои бозор, яъне эҳтиёҷоти сохторҳои соҳибкорӣ доир ба натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ омӯхта шавад. Раванди мазкур яке аз принсипҳои муҳимтарини низоми иқтисоди бозорӣ аст;

• Вақти таъсиси марказҳои иттилоотӣ-маркетингӣ баҳри омӯзиши тақозои бахшҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, алалхусус бахши воқеии он, ба натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ фаро расидааст. Имрӯз табдилдиҳии натиҷаҳои илмӣ ба маҳсулоти инноватсионӣ, ки барои истеҳсолот ва бозор зарур аст, раванди аз ҳама душвор ба шумор меравад. Маҳз ҳамин раванд илмро бо истифодабарандаи он мепайвандад. Сабаби асосии дар мамлакат гусаста шудани занҷири «илм-истеҳсолот» низ дар ҳамин аст. Ин ҷо тадқиқоти бозор ва сатҳи баланди фаҳмиши бозору истифодабарандагони натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ, таҷрибаи бойи соҳибкории технологӣ зарур аст;

• Имрӯз ҳар як институти илмӣ ва муҳаққиқи алоҳидаро зарур аст, ки дар сатҳи зарурӣ раванди нав, яъне тиҷоратикунонии натиҷаҳои тадқиқотиро дуруст дарк намояд. Мутаассифона, имрӯз дар ин самт бисёр нофаҳмиҳо ва норавшаниҳо мавҷуданд. Дар низоми қаблии иқтисодӣ тартиби муайяни ҷорисозии натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот мавҷуд буд ва имрӯз низ аксар дар он андешаанд, ки дар шароити нави пешбурди муносибатҳои хоҷагидорӣ чунин корро идома диҳанд. Аммо ҷорисозӣ фаҳмишест, ки аз низоми иқтисодии собиқ шӯравӣ боқӣ мондааст. Имрӯз фаҳмиши тиҷоратикунонӣ бояд дар тафаккури мо ҷой гирад. Масъалаи калидӣ дар инкишофи фаъолияти инноватсионӣ дар мамлакати мо, қабл аз ҳама маблағгузорӣ не, балки омодасозии кадрҳо, мутахассисоне аст, ки бо маҳорати комил ба тиҷоратикунонии дастовардҳои худ машғул шуда тавонанд;

• Одатан ҳама доир ба норасоии воситаҳои молиявӣ барои коркард ва расонидани дастовардҳои илмӣ то ба истеҳсолот ҳарф мезананд. Аммо бояд зикр намуд, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ, агар ба бозор бо ташаббуси чашмраси тиҷоратӣ ворид шавем, ҳамеша воситаҳои молиявӣ пайдо мешаванд. Ғайр аз ин, ба ҷуз идеяи хуб масъалаи ташкилӣ, яъне қобилияти амалисозии идея дар мадди аввал меистад. Дар ин маврид бояд робитаи зичи ҳар ду ҷониб, яъне ҳам корхонаҳои истеҳсолӣ ва ҳам олимону муҳаққиқон, мавҷуд бошад. Хоҳиши корхонаҳо барои татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот бояд бедор гардад;

• Дар зинаи дигар, тибқи тақозои иқтисоди миллӣ ва вазифаҳо барои таъмини рушди иқтисоди мамлакат бояд равияҳои афзалиятноки тадқиқот интихоб гардида, амалӣ карда шаванд. Пас аз интихоби самтҳои афзалиятноки тадқиқот ва амалисозии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ масъалаи тиҷоратикунонии натиҷаҳои он бармеояд. Ба андешаи мо, амалисозии ин масъала аз омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи тақозои бахши воқеии иқтисодиёти ба дастовардҳои илмӣ асоснокшуда, ки дар боло зикр гардид, вобастагии зиёд дорад;

• Мақсад аз тиҷоратикунонии натиҷаҳои тадқиқотӣ татбиқи онҳо дар истеҳсолот аст. Аммо тавре зикр гардид, барои амалишавии ин мақсад бояд зерсохтори мукаммали фаъолияти инноватсионӣ инкишоф дода шавад;

Ба андешаи мо, танҳо пас аз ҳалли ин масъалаҳо имконияти татбиқи дастовардҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар истеҳсолот, азнавсозии саноати кишвар ва рушди соҳибкории истеҳсолии инноватсионӣ имконпазир хоҳад шуд.

*Ф. КОМИЛОВ,*
*ректори Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, д.и.ф.-м, профессор*

*Ф. ҶАББОРОВ,*
*сардори шӯъбаи илм ва инноватсияи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, н.и.и, дотсент*

## ● Вакилони халқ 1938-2010



# ДАЪВАТИ ПАНҶУМ 1959 - 1963

(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)



**ОЛИМОВ Ҳаким**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ғӯлакандоз №272, ноҳияи Пролетар***

Соли 1923 дар деҳаи Ғулакандози ноҳияи Пролетар таваллуд шудааст. Миллаташ ӯзбек.

Дар вазифаҳои мудири фермаи колхоз, мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Пролетар, котиби дуюми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳиявӣ, ҷонишини раиси колхоз кор кардааст.

Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, бо медалҳои «Барои меҳнати диловарона», «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**АЛИЕВ Алиқул**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Якабоғ №273, шаҳри Ӯротеппа***

Соли 1914 дар деҳаи Чорбоғи ноҳияи Ӯротеппа таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои мудири хоҷагии колхоз, котиби Шӯрои деҳот, ҷонишин, мудири шӯъбаи маорифи халқи вилоятӣ, мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Кӯлоб, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Ховалинг, раиси Комиҷроияи вилояти Кӯлоб, вазири молияи ҶШС Тоҷикистон кор кардааст.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, Ҷанги Ватании дараҷаи II ва медали «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**РАҲИМОВА Анзурат**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Қалъаи Баланд №274, шаҳри Ӯротеппа***

Соли 1922 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои котиби Кумитаи комсомолии шаҳри Ленинобод, ҷонишини мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Ленинобод, сардори Раёсати ҷумҳуриявии Вазорати захираҳои меҳнатии ИҶШС дар Тоҷикистон, котиби Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Ленинобод кор кардааст.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», медалҳо ва Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.



**МАҲМУДОВ Раҳмон**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Гули сурх №275, шаҳри Ӯротеппа***

Соли 1920 дар шаҳри Ӯротеппа таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои колхозчӣ, директори Заводи нонпазии шаҳри Ӯротеппа, раиси колхози ба номи Микоян ва «Роҳи Ленин»-и ноҳияи Ӯротеппа кор кардааст.

Бо ордени Ленин, медалҳои «Барои меҳнати шуҷоатнок», «Барои меҳнати шоён», «Барои диловарӣ», «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои мудофиаи Ленинград» мукофотонида шудааст.



**РАҲМАТОВ Мирзо**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Фрунзе №276, шаҳри Ӯротеппа***

Соли 1914 дар ноҳияи Ғарм таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои мудири шӯъба, инструктор, котиби Кумитаи ноҳиявӣ ва котиби Кумитаи вилоятии комсомол, ҷонишини мудир ва мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти вилоят, котиби Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Ғарм, ҷонишини якуми мудири шӯъбаи КМ ҲК(б) Тоҷикистон, ҷонишини Раиси Шӯрои вазирони ҶШС Тоҷикистон, раиси Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон кор кардааст.

Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», медалҳои «Барои меҳнати диловарона», «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**МАНСУРОВА Муяссар**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ҷарқӯрғон №277, шаҳри Ӯротеппа***

Соли 1927 дар деҳаи Ҷарқӯрғони ноҳияи Ӯротеппа таваллуд шудааст. Миллаташ ӯзбек.

Говдӯши колхози «Коммунизм», ноҳияи Ӯротеппа буд.

Бо медали «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**ДӮСТНАЗАРОВ Соҳибназар**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Шаҳристон №278, шаҳри Ӯротеппа***

Соли 1930 дар деҳаи Холдорқипчоқи ноҳияи Ӯротеппа таваллуд шудааст. Миллаташ ӯзбек.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1944 оғоз намуда, ҳамчун колхозчии колхози «Правда»-и ноҳияи Ӯротеппа ва чӯпони совхози Шаҳристони ноҳияи Ӯротеппа кор кардааст.

Бо ордени Ленин мукофотонида шудааст.



**СУЛАЙМОНОВ Умар**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Навобод №279, шаҳри Ӯротеппа***

Соли 1903 дар деҳаи Уваки ноҳияи Ӯротеппа таваллуд шудааст. Миллаташ ӯзбек.

Дар вазифаҳои колхозчӣ, коменданти совхоз, мудири Идораи ноҳиявии «Заготзерно», ходими молия, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунист ва раиси Комиҷроияи ноҳияи Шаҳристон, раиси колхози ба номи Куйбишеви ноҳияи Хуҷанд, мудири шӯъбаи совхози Сомғор кор кардааст.

Бо ордени Ленин, Ҷанги Ватании дараҷаи I, ду ордени «Нишони Фахрӣ», медали «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.

(Давомаш дар шумораҳои оянда)

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**
**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

● Ба истиқболи 100- солагии матбуоти тоҷик

# КАМОЛИ ҲАМНИШИН БАР МАН АСАР КАРД

**Имсол сокинони ноҳияи Рӯшон ҷашни фархунда - 80-солагии таъсисёбии ноҳияашонро таҷлил менамоянд. Дар тӯли 80 сол ноҳия дар соҳаи илм, фарҳанг ва ғайра ба комёбиҳои беназир ноил шудааст. Метавон бо номи ҳар кадоме аз арбобони давлатӣ, илм ва фарҳанг, ки зодагони ин ноҳияанд, ифтихор дошт. Дар бораи бештарашон навиштаанд ва минбаъд низ хоҳанд навишт, вале гурӯҳи эҷодкороне низ дар ноҳия ба воя расидаанд, ки дар таърихнигории диёр саҳми беандоза доранд. Мутаассифона, дар ҷашну маҳфилҳо аз эшон ном гирифтанро фаромӯш мекунанд. Инҳо журналистон – зодагони ноҳияи Рӯшон мебошанд, ки аз солҳои 30-юми асри гузашта инҷониб дар матбуоти даврӣ саҳми беандоза дошта, имрӯз низ хизматгузори мардум ҳастанд. Аз рӯйи инсоф намебуд, агар дар ин рӯзҳои шодмонӣ эшонро ба хотир наорем ё ном нагирем.**



Касби журналистӣ низ баробари дигар касбҳо дар байни ҷавонони ноҳия маҳбубияти хеле беандоза дошт, зеро журналист дар назари мардум шахси пок, озода ва зиёии асил буд. Дар асл ҳам чунин аст. Ҳатто шахсиятҳои шинохтаи Тоҷикистон - зодагони ноҳияи Рӯшон Раиси Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон Назаршоҳ Додхудоев ва вазири маданияти РСС Тоҷикистон Меҳрубон Назаров ҳам то ба вазифаҳои баланди давлатӣ расидан зинаҳои журналистикаро гузаштаанд.

Назаршоҳ Додхудоев ҳанӯз соли 1934 мудири шӯъбаи рӯзномаи «Бадахшони сурх» буду бо мақола ва гузоришҳояш хонандагони Боми ҷаҳонро аз бунёдкориҳои Ҳокимияти Советӣ огоҳ мекард. Баъдҳо дар нашриёҳои ҷумҳуриявӣ кор карда, пас ба вазифаҳои роҳбарикунанда пешбарӣ шуд. Шояд ҳамин боис бошад, ки нисбат ба журналистон эҳтироми беандоза дошт. Вақте ки солҳои охир бо ин марди бузург ҳамсӯҳбат мешудам, эрод мегирифт, ки чаро шумо – журналистон, ки чашми Ҳукумат ҳастед, камбудиҳои ҷомеаро дурусттар инъикос намекунед…

Собиқ вазири маданияти РСС Тоҷикистон Меҳрубон Назаров низ дар соҳаи журналистика қувва озмуда, дар рӯзномаҳои ноҳия ва вилоят, чун мухбири фаъол, аз ҳар хусус менавишт. Меҳрубон Назаров солҳои 1949-1951 ҳамчун мухбири махсуси рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон фаъолият дошт ва хонандагони ин рӯзномаро бо ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии вилоят ошно мекард. Рӯзноманигорӣ барои вай мактаби бузурги эҷодӣ гардид. Аз ин пас вай ба навиштани спектаклу намоишномаҳо даст зад, ки то ҳанӯз байни мардум маҳбубияти зиёд доранд.

Журналистика аз солҳои 40-уми асри гузашта сар карда, дар ноҳияи Рӯшон хеле инкишоф ёфт. Дар бештарин мавридҳо, ин ҷо хидматҳои устоди тамоми журналистони Бадахшон, шодравон Назаршоҳ Исломовро зикр менамоянд. Воқеан ҳам, Назаршоҳ Исломов дар ташаккул, инкишоф ва тарбияи журналистон дар Бадахшон саҳми калон дорад. Яке аз шогирдони бовафо ва қадрдонаш шоир ва рӯзноманигори шинохта, Корманди шоистаи Тоҷикистон Маҳмадалишоҳ Ҳайдаршоҳ дар ҷашни 75-солагии рӯзномаи «Бадахшон» (моҳи сентябри соли 2001) навишта буд:

«…Ҳамагон бидонанд, ки дар Бадахшонзамин марде буд ба исми Назаршоҳ Исломов, ки ҳама умр тамоми донишу маърифат, қобилияту кордонӣ, маҳорати ташкилотчигӣ ва қалби гарму нарми худро ба хизмати мардум ва инкишофи журналистикаи тоҷик бахшида буд…»

Солҳои минбаъда дар пайравӣ ва дастгирии устод Назаршоҳ Исломов журналистони пурқувват ва диди тозадошта бо қалами буррояшон ба майдони журналистика баромада, дар муддати кӯтоҳ рӯзноманигорони шинохтаи ҷумҳурӣ шуданд. Инҳо Хушназар Ҳақназаров (муҳаррири шӯъбаи Телевизиони Тоҷикистон, баъдҳо муҳаррири «Бадахшони советӣ»), Бахтибек Асалбеков – мухбири махсуси радиои Тоҷикистон дар Бадахшон, Саъдоншоҳ Нафасшоев – мухбири ТоҷикТА (ҳоло АМИТ «Ховар») дар Кӯҳистони Бадахшон, Нусратулло Дорғабеков (баъдҳо сармуҳаррири «Бадахшони советӣ»), журналистони шинохта Сафармамад Мастибеков, Боналӣ Қамбаров, Давлатназар Назриев, Рӯзадор Бахтдавлатов, Гулдона Одинаева, Шодихон Муборакшоев, Хушвақтшо Ҳукуматшоев, Тошӣ Намакинов, Занҷирбек Ёғибеков, Оғоназар Мавлоназаров ва дигарон буданд, ки муҳити эҷодии журналистонро дар ноҳия ва вилоят аз ҳар ҷиҳат ғанӣ намуданд.

Тавре мегӯянд: «Камоли ҳамнишин бар ман асар кард». Аз солҳои 70-80-уми асри гузашта насли нисбатан ҷавони журналистон Нарзулло Хайруллоев, Шукрисоҳиб Раҳматуллоев, Тиллои Неккадам, Шогунӣ Назриев, Сардор Раҳдоров, Филолишоҳ Хилватшоев, Савлатшоҳ Хоркашов, Лутфишоҳ Қимматшоев, Маҳмадшукрат Асалбеков, Пайшанбе Давлатов, Маҳмадалӣ Бахтиёров ва дигарон дар пайравии устодон касби журналистиро пеша карданд.

Тиллои Неккадам муовини аввали сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» (нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) буд ва айни ҳол муҳаррири шӯъбаи ҳамин рӯзнома мебошад.

Салватшоҳи Ховарӣ ҳамчун муҳаррир ва мудири шӯъбаи иқтисодии Телевизиони Тоҷикистон фаъолият дошт.

Нарзулло Хайруллоев солҳои зиёд дар вазифаи раиси Кумитаи телевизион ва радиои ВМКБ кор кард. Алҳол вазифаи сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии «Бадахшон»-ро бар ӯҳда дорад.

Боиси сарфарозист, ки Руқия Давроншоева аз байни бонувони журналисти Бадахшон нахустин шуда, вазифаи масъул – сармуҳаррири рӯзномаи «Оинаи зиндагӣ»-ро бар ӯҳда дорад.

Заррина Хушвахтова, Зеваршо Мамадов ва Анора Саркорова хабарнигорони радиои ҷаҳонӣ – БИ-БИ-СИ дар Тоҷикистон ва Мавҷуда Соҳибназарова хабарнигори Радиои Тоҷикистон ҳастанд ва бо кӯшишу ҷасорату маҳорати баланд фаъолият доранд.

Афсӯс, ки ду тан ҳамдиёри рӯзноманигори мо – хатмкардаи факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии шаҳри Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург), мухбири ҳафтавори «Тоҷикистон» Филолишоҳ Хилватшоев ва муҳаррири шӯъбаи рӯзномаи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» Олимҷон Ёрасенов дар ҷангҳои ҳамватанӣ бегуноҳ ба ҳалокат расиданд. Ёдашон ба хайр.

Ҳаёт пеш меравад ва ҷавонони эҷодкор ҷасурона ба журналистика қадам мегузоранд. Рӯзномаи «Пайғоми Рӯшон», ки бештари журналистони дар боло зикршуда дар ин идора нахустин хабару мақолаҳояшонро чоп кардаанд, имрӯз дар вилоят аз ҷиҳати мазмуну сифат ва теъдоди нашр дар ҷойи аввал меистад. Дар ин ҷода саҳми сармуҳаррири он -Лутфишоҳ Қимматшоев ва ҳайати эҷодӣ хеле калон аст.

Боварӣ дорем, ки наслҳои нисбатан ҷавони рӯзноманигорон таърихи на чандон тӯлонӣ, вале пурифтихори журналистикаи ноҳияи Рӯшонро давом дода, онро боз ҳам ғанӣ хоҳанд гардонд ва мактаби эҷодии устод Назаршоҳ Исломовро боз ҳам пурқувват хоҳанд кард.

Дар рӯзи ҷашни 100-солагии матбуоти тоҷик ба хотир овардану ном гирифтани ҳар яке аз онҳо, ки қисме бо мо нестанду бештарашон ҳанӯз дар хизмати халқанд, боиси сарфарозист. Шоир хуб фармуда:

***Н-оварад гар ба гӯшаи хотир,***
***Ҳамзамонаш навиштаҳои варо,***
***Мерасад номаҳои пурсӯзаш,***
***Бегумон бар сурогаи фардо.***

***Тиллои НЕККАДАМ,***
***«Садои мардум»***




## Шудгор идома дорад

**ДУШАНБЕ. (Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Дар хоҷагиҳои кишоварзии ҷумҳурӣ шудгори заминҳо барои кишти баҳорӣ идома дорад. Дар ҳолати гузаронидани шудгор намии барф то дер дар замин боқӣ монда, ба ҳосили хуби зироат мусоидат хоҳад кард.

Тавре аз Маркази матбуот ва иттилооти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд, соли ҷорӣ дурнамои шудгори заминҳо 618015 гектарро ташкил медиҳад ва то 20 феврал дар масоҳати 422562 гектар ин кор анҷом ёфтааст, ки баробари 68,4 фоизи нақша мебошад.

Шудгори заминҳо дар вилояти Хатлон 262268 гектар (86 фоиз), вилояти Суғд 98584 гектар (47 фоиз) ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 57163 гектар (60 фоиз) - ро ташкил медиҳад.

## Омодагӣ ба кишти баҳорӣ

**ДУШАНБЕ. (Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини вазир Ҷ. Саидова ҷаласаи аввалини ситод оид ба кишти баҳорӣ баргузор гардид. Зикр шуд, ки тибқи фармони вазири кишоварзӣ аз 2 феврали соли 2012 таҳти №24 бо мақсади сари вақт гузаронидани киштукори баҳорӣ, коркарди боғу токзорҳо, бунёди боғу токзорҳои нав ситоди марказии вазорат ва гурӯҳҳои корӣ таъсис шудааст. Ба ҳайати гурӯҳҳои корӣ муовинони вазири кишоварзӣ, олимону мутахассисони вазорат шомил мебошанд. Онҳо дар ҳамкорӣ бо раёсатҳои кишоварзии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар интихоби тухмиҳои чигит, ғалладона, сабзавот, картошка, зироати чорво ва нуриҳои маъданию минералӣ, сари вақт ва дар мӯҳлати муайяншуда ба анҷом расонидани кишти баҳорӣ кӯмаки амалию методӣ мерасонанд.

Ҳамзамон гурӯҳи корӣ вазифадор шудааст, ки аз рафти иҷрои киштукори баҳорӣ ҳар ҳафта ба ситоди марказӣ ҳисобот пешниҳод намоянд.

## Помидору бодиринги хоҷагии деҳқонии «Бобо Ҳайдар» дар бозор

**БОХТАР. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Саҳмдорони хоҷагии деҳқонии «Бобо Ҳайдар» аз ҷумлаи аввалинҳо шуда маҳсули дастранҷи худ - помидору бодиринги барвақтиро ба бозор баровroutes.

Деҳқонон помидору бодиринги барвақтиро дар хандақҳои зери плёнка парвариш намудаанд. Хандақҳои мазкур бо усули хитойӣ бунёд ёфтаанд, ки дар онҳо бо мақсади зиёд намудани нури равшанӣ аз оинаҳо васеъ истифода мебаранд. Рӯзҳои сарди зимистон болои плёнкаи хандақҳо бо матои махсусе, ки хунукиро намегузаронад, пӯшонида мешавад. Истифодаи чунин усул имкон фароҳам овард, ки ҳосил аз хунукиҳои қаҳратуни имсола муҳофизат карда шавад.

## Арзи шаҳрвандон ба эътибор гирифта шуд

**ТЕМУРМАЛИК. (Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Дар маркази ноҳияи Темурмалик рӯзи қабули шаҳрвандон доир гашт.

Раиси вилояти Хатлон Ғайбулло Афзал арзи раиси маҳаллаи шаҳраки Совет Ғанӣ Сафаров, раиси маҳаллаи деҳаи «Ҳалқаёр»-и деҳоти Бобоюнус Ӯйғун Давлатов, собиқадори ҷангу меҳнати ноҳия Абдурашид Фахриддинов, роҳбари хоҷагии деҳқонии деҳоти Бобоюнус Атабек Эсанов, раиси маҳаллаи деҳаи «Шибанай»-и деҳоти Бобоюнус Раҳматулло Саъдуллоев, раиси хоҷагии деҳқонии деҳоти «Танобчӣ» Давлат Амиров, менеҷменти маркази саломатии ноҳия Ҳабибулло Иззатов ва дигаронро оид ба азнавсозии осоишгоҳ, беморхонаи касалиҳои сили ноҳия, мактаби таҳсилоти миёнаи умумии деҳаи «Ҳалқаёр», кӯмак барои бунёди варзишгоҳи шаҳрак, вазъи соҳилмустаҳкамкунии деҳаҳои Шибанай ва Қиблайӣ, ҳолати баъзе заҳбуру обкашҳои шаҳраки Совет, азнавсозии бинои кӯҳнаи Хонаи бачагони Кангурт ва ғайра шунида, доир ба ҳалли онҳо ба масъулин супоришҳо дод.

## Тайёрӣ ба фестивал қаноатбахш аст

**ҚУМСАНГИР. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Дар ноҳияи Қумсангир ба Фестивали вилоятии «Сайри чакан» омодагии ҷиддӣ мебинанд.

Фестивали мазкур ба муносибати Иди байналмилалии Наврӯз гузаронида мешавад. Чорабинии ҷамъбастии фестивал рӯзи 15 марти соли равон дар ноҳияи Қумсангир баргузор мегардад.

Барои сокинони минтақаи Кӯлоб бошад, 17 марти соли ҷорӣ маросими ҷамъбасти ин фестивал гузаронида мешавад.

## Иҷрои ҳатмии қонунро таъкид намуданд

**ИСТАРАВШАН. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан мулоқоти кормандони прокуратураи вилояти Суғд бо намояндагони дастгоҳи раиси шаҳр, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, имом- хатибони масҷидҳо ва хабарнигорон доир гардид.

Ҷамъомадро ёвари калони прокурори вилояти Суғд Ҷумҳур Ҷиянов кушода, оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» андешаҳои худро баён дошта, аз ҳозирин даъват ба амал овард, ки иҷрои ин қонунро таъмин намоянд.

## Вохӯрии маорифчиён муфид буд

**ВОСЕЪ. (Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Масъулони шӯъбаи маорифи ноҳияи Восеъ бо мақсади беҳтар намудани кори таълиму тарбияи хонандагон дар ҷамоатҳои деҳоту шаҳрак бо иштироки падару модарон ва омӯзгорони таълимгоҳҳо вохӯриҳо доир намуданд.

Мақсад аз баргузории ин ҷамъомадҳо дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти соҳа, андешидани тадбиру чораҳо ва рӯйи кор овардани онҳо мебошад.

Дар ҷамъомадҳо директорон, омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти миёна ва падару модарон оид ба мушкилоти имрӯзаи таълиму тарбия, сифати дониши хонандагон ва роҳҳои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта мубодилаи афкор намуданд.

## Дар Шаҳристон шитобкорон зиёданд

**ШАҲРИСТОН. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар ноҳияи Шаҳристон бо мақсади танзими қоидаҳои роҳ ва беҳдошти ҳаракати воситаҳои нақлиёт амалиёти махсус гузаронида шуд.

Бино ба гуфтаи нозири калони БДА ШКД- и ноҳия капитани милитсия Алишер Додобоев, давоми ду моҳи соли ҷорӣ дар роҳҳои ноҳия 10 садамаи нақлиётӣ ба қайд гирифта, дар натиҷа 12 нафар ҷароҳати ҷисмонӣ бардошта, ду нафари дигар ҳалок шудаанд. Дар ин муддат ҳамчунин аз тарафи кормандони соҳа 695 ҳодисаи зиёд намудани суръати ҳаракат дар роҳҳо ба қайд гирифта шудааст.

## Китоби нав

**ДУШАНБЕ. (Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»)** Нашриёти «Шуҷоиён» китоби нави шоир ва рӯзноманигор Наимҷон Назириро таҳти унвони «Ганҷи ранҷ» бо теъдоди 500 нусха интишор намуд. Дар ин китоб ашъори солҳои охир эҷоднамудаи шоир гирдоварӣ шудаанд.

***Масъули гӯша Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум».***
***Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***

## Ярмарка- фурӯши ниҳол дар Душанбе

Бо иқдоми Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе 18 феврал дар шафати бозорҳои «Саховат», «Панҷшер» ва «Ганҷина» - и хиёбони Неъмат Қарабоеви пойтахт ярмарка- фурӯши ниҳолҳо, дарахтони ҳамешасабзу ороишӣ, кӯчати гулҳо ва тухмии зироатҳо барпо гардид. Дар он аз ҷониби КВДҶ «Тоҷикниҳолпарвар», хоҷагиҳои ниҳолпарвари Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии «Навъҳои тухмии сабзавоти Тоҷикистон», Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангал ва шикор, ниҳолпарварони инфиродӣ беҳтарин навъҳои дарахтони мевадиҳандаю сояафкан, кӯчати гулҳо ва тухми зироату сабзавоти гуногуни дорои сертификат пешкаши харидорон гардонида шуд. Дар ярмарка олимону мутахассисони соҳаи кишоварзӣ барои парвариш ва сабзонидани ниҳолҳо, тухми зироатҳо ба харидорон маслиҳатҳои хуби илмиву методӣ доданд.

Тавре аз Маркази матбуоти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд, аз рӯйи ҷамъбасти натиҷаҳои комиссияи тадорукотӣ сардори хоҷагии ниҳолпарварии «Бӯстонкалъа»-и ноҳияи Ҳисор Сафар Иброҳимов, сардори хоҷагии ниҳолпарварии «Искич»-и ноҳияи Ҳисор Аслиддин Розиқов, агрономи хоҷагии ниҳолпарварии ба номи «М. Турсунзода»-и ноҳияи Шаҳринав Нуралӣ Соатов ва сардори хоҷагии ниҳолпарварии «Чимтеппа»-и ноҳияи Рӯдакӣ Бахтиёр Мирзоев бо телевизор ва дигар мукофотҳои таъсисдодаи вазорат сарфароз шуданд.

***Б.КАРИМЗОДА,***
***«Садои мардум»***

● Ба «Садои мардум» ҷавоб омад

# ТАНҚИД БОЯД АСОСНОК БОШАД

Раёсати БДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мақолаи «Милитсияи экологӣ оё пеши роҳи ифлосшавии муҳити атрофро мегирад?»-ро, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» аз 18 ноябри соли 2011 таҳти №136-137 ба табъ расидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Муаллифи мақола мутахассиси шӯъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Ҳисор Мардон Ашӯров пеш аз чопи ин мавод мебоист ақаллан як маротиба санаду меъёрҳои милитсияи экологиро меомӯхт ва ба ҳисоботи кории мақомот шинос мешуд. Шояд он гоҳ аз ибрози чунин ақидаҳои беасос худдорӣ менамуд.

Агар ҳадаф аз чопи ин мақола дилсӯзӣ ба фаъолияти соҳа бошад, пас муаллиф барои пешравии он ба унвони роҳбарияти ҳар ду мақомот мебоист ақаллан як пешниҳоди мушаххас мекард.

Хотирнишон менамоем, ки милитсияи экологӣ дар асоси талаботи Барномаи давлатии экологӣ таъсис шудааст. Тибқи талаботи банди 5 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июли соли 2006 «Дар бораи фаъолияти Кумитаи давлатии ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади пурзӯр намудани назорати давлатӣ ҷиҳати аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ риоя гардидани талаботи меъёрҳо ва қонунҳои амалкунанда дар соҳаи ҳифзи муҳити зист Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи давлатии ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор шудаанд, ки аз ҳисоби маблағҳои воситаҳои махсуси ҳифзи табиат то охири соли 2006-ум милитсияи экологӣ ташкил намоянд (на соли 2005, чуноне ки муаллиф зикр намудааст).

Дар асоси талаботи қарори мазкур моҳи ноябри соли 2006 шартнома байни ин ду мақомот оид ба ташкил намудани милитсияи экологӣ ба имзо расид. Бинобар ҳалли худро наёфтани маблағгузории ин соҳа, он танҳо моҳи сентябри соли 2007 дар асоси фармонҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №450 аз 3 сентябри соли 2007 ва Вазорати кишоварзӣ ва ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №144 аз 11 сентябри соли 2007 ба фаъолият оғоз намуд. Баъд аз ин роҳбарияти Раёсати БДА ба таври озмун кормандони ботаҷрибаро барои фаъолият дар ин самт қабул кард. Дар ҳақиқат баъзеи онҳо дар натиҷаи ихтисори вазифаҳояшон бекор монда буданд. Аммо ин ба қавли муаллиф «моҳирона истифода бурдани ҳолат» набуда, бо ҷойи кор таъмин намудани кормандони ихтисоршуда мебошад. Ё муаллиф хостори он будааст, ки кормандони солҳои дароз дар мақомот фаъолияткардаро ба кӯча партофта, шахсони бетаҷрибаро ба мақомот қабул намоянд?

Муаллиф нисбати шумораи кормандони милитсияи экологӣ шубҳа дорад, ки аз 8 нафар иборатанд, гӯё дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳамарӯза 3-4 нафарӣ ба хизмат мебаромаданд. Агар муаллиф дар ҳақиқат ғамхори соҳа бошад, аз ин ҳолат бояд шод мешуд, зеро кормандони милитсия вақти худро дареғ надошта, барои беҳбудии муҳити зист, яъне ошкоркунии қонунвайронкунӣ дар ин соҳа, сафарбар мешаванд.

Аммо, чуноне мебинем, номбурда баръакс, аз ин тарз ҷараён гирифтани кор дар ташвиш афтодааст, яъне тарафдор аст, ки онҳо камтар ба ноҳияи Ҳисор раванд, ҳолатҳои қонунвайронкуниро зиёд ошкор накунанд.

Барои маълумот бояд зикр намуд, ки шумораи умумии кормандони милитсияи экологӣ дар ҷумҳурӣ 65 нафар, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе-24 нафар, вилоятҳои Суғд-6, Хатлон-10, ВМКБ-3 ва Раёсати БДА-20 нафарро ташкил медиҳад. Фаъолияти онҳо тибқи нақшаи аз тарафи роҳбарияти ҳар ду мақомот (БДА ва ҳифзи муҳити зист) тасдиқшуда ба роҳ монда шудааст, ки мувофиқи он кормандони милитсияи экологӣ ҳафтае як ё ду маротиба дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ якҷоя бо кормандони маҳаллии соҳаи ҳифзи муҳити зист кор мебаранд.

Давоми нӯҳ моҳи соли 2011 мувофиқи нақшаҳои мазкур бо мақомоти маҳаллии ҳифзи муҳити зист дар ҳудуди ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 736 маротиба чорабиниҳои муштарак оид ба ошкор ва пешгирӣ намудани қоидавайронкуниҳои маъмурӣ дар соҳаи ҳифзи табиат ва ҳаракат дар роҳ гузаронида шуд, ки 3004 далели риоя нашудани меъёрҳои ҳифзи муҳити зист ошкор гардид. Танҳо дар ҳудуди ноҳияи Ҳисор 116 маротиба чорабиниҳои муштарак гузаронида, зиёда аз 500 далели вайронкуниҳои қоидаҳои ҳифзи табиат ошкор шудааст, ки ин нисбат ба солҳои 2005-2006 даҳҳо маротиба зиёд аст. Магар ин ба манфиати кор нест?

Қобили зикр аст, ки дар давоми 11 моҳи соли гузашта кормандони милитсияи экологӣ ба тариқи ҷаримабандӣ ҷиҳати аз меъёр зиёд будани партовҳои заҳрноки воситаи нақлиёт, ки тақрибан 30 фоизро аз шумораи умумии қоидавайронкуниҳои ошкорнамуда ташкил медиҳад, ба буҷети ҷумҳурӣ 223000 сомонӣ маблағ ворид намудаанд. Илова ба ин, аз ҳисоби пардохти ҳатмии экологии солонаи соҳибони воситаҳои нақлиёт, ки назораташ ба зиммаи кормандони милитсияи экологӣ гузошта шудааст, ҳамасола ба буҷети давлатӣ ва Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз як миллион сомонӣ маблағ ворид мешавад. Бинобар ин, роҳбарияти Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти милитсияи экологиро мусбӣ арзёбӣ намуда, дастгирӣ дорад.

Нисбати салоҳияти кормандони милитсия оид ба боздоштани воситаҳои нақлиёти боркаш ва барои бе иҷозати махсус истифода бурдани захираҳои табиӣ тартиб додани протоколу гирифтани ҳуҷҷати ронанда алоҳида ёдрас карданиам. Чунин салоҳиятро ба кормандони милитсия қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ», «Дар бораи милитсия», қисми 6 моддаи 762 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Низомномаи милитсияи экологӣ» додааст.

Мувофиқи шартномаи тарафайн ва дигар санадҳои амалкунанда, милитсияи экологӣ мақоми назорати давлатӣ буда, вазифааш ошкор ва ҳуҷҷатгузорӣ кардани қоидавайронкуниҳо мебошад. Салоҳияти баррасии маводҳои маъмурӣ ва андешидани дигар чорабиниҳоро оид ба пешгирии қонунвайронкуниҳои самти ҳифзи муҳити зист мақомоти маҳаллии ҳифзи муҳити зист ба зимма доранд. Кормандони милитсияи экологӣ бошанд, ба ин чорабиниҳо таври мусбӣ мусоидат менамоянд.

Мо аз он ҳайронем, ки муаллифи мақола Мардон Ашӯров ҳамчун мутахассис бе ягон далел бо итминон гуфтааст, ки кормандони милитсияи экологӣ сабаби паст гаштани партовҳои воситаҳои нақлиёт шуда наметавонанд. Ҳол он ки тибқи маълумотҳои таҳлилии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани кори ташхиси партовҳои заҳрноки воситаҳои нақлиёт ва ислоҳ кардани ҳолати техникии онҳо солҳои 2009-2011 хориҷшавии партовҳо ба атмосфера 3 фоиз кам гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки тибқи талаботи банди 2.2 «Низомномаи милитсияи экологӣ», ҳайати шахсии ин мақомот вазифаҳои марбут ба соҳаи ҳифзи табиат баӯҳдадоштаашро дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи табиат амалӣ менамояд. Бинобар ин, самаранокии фаъолияти милитсияи экологӣ аз фаъолияти дуруст ва софдилонаи мақомоти маҳаллии ҳифзи муҳити зист вобастагӣ дорад. Раёсати БДА барои беҳтар намудани ҳамкорӣ ва самаранок гаштани натиҷаҳои кори милитсияи экологӣ ҳамаи таклифу пешниҳодҳои кормандони соҳаи ҳифзи муҳити зистро дастгирӣ намуда, ҳамкориро дар ин самт тақвият бахшида истодааст.

Бинобар ин, мо далелҳои дар мақолаи мазкур овардаро бе асос ҳисобида, омодагии худро барои ҳама гуна ҳамкориҳо бо мақомоти манфиатдор, аз он ҷумла Шӯъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Ҳисор, изҳор менамоем.

***М.САИДОВ,***
***сардори Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия***

● Тарбия - вазифаи муҳим

# Ноболиғон ба парастории калонсолон ниёз доранд

Майори милитсия Саидҷалол Наҷмиддинов наздики 20 сол аст, ки дар қабулгоҳ-таҳвилгоҳи ноболиғони Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунии байни ноболиғон ва ҷавонони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси тарбиятдиҳандаи калон фаъолият дорад. Вай дар сӯҳбат ба мо гуфт, ки ин ҷо ба мӯҳлати муайян ноболиғоне нигоҳ дошта мешаванд, ки ба талбандагӣ, оворагардӣ дода шуда, бесаробон мондаанд ва даст ба ҳуқуқвайронкунӣ задаанд. Ҳоло дар қабулгоҳ 8 нафар ноболиғон нигоҳ дошта мешаванд. Аз сӯҳбат бо худи онҳо метавонед сабабҳои ба ин ҷо оварданашонро аниқ намоед.

Ба утоқи корӣ ноболиғ «Н» даъват мешавад. Ин духтар ҳамагӣ 15 сол дошта, дар синфи 9 таҳсил менамояд. Бори сеюм аст, ки ӯ «меҳмони»-и қабулгоҳ мегардад. Сабаби аз хона фирор карданаш ҷанҷоли қариб ҳамешагии падару модар будааст, ки дар заминаи рашк ба вуҷуд омадааст. Аз чунин муҳит ягона роҳи халосиро ӯ дар гурехтан аз назди волидони худ мебинад. Баъди чанде дар кӯчаҳои шаҳри Душанбе оворагардӣ кардан зани ношиносе дар бозор зери борон мондани ӯро дида, ҳамроҳ ба хонааш мебарад. Рӯзи дигар ӯ ба қабулгоҳ оварда мешавад. Ҳамин тавр ду маротиба такроран аз хона мегурезаду боз ба дасти кормандони ҳифзи ҳуқуқ меафтад. Аз сӯҳбат бо ӯ маълум гардид, ки дигар мақсади ба хона баргаштан надорад. Майори милитсия Саидҷалол Наҷмиддинов гуфт, ки мо падари ӯро дар хусуси ин ҷо буданаш огоҳ кардем. Ба ҷойи миннатдорӣ ба мо дағалона муомила кард ва гуфт, ки духтарам ба ман даркор нест. Аз хона баромада рафтани духтар барои падару модар ҳодисаи ногувор аст. Аммо ба ин рафтори духтар, тавре ишора намудем, ҷангу ҷидоли оила боис гаштааст. Зану шавҳар бештар андармони баҳсҳои худ ба тарбияи фарзандашон аҳамият надодаанд. Акнун духтар ба хона баргаштан намехоҳаду падар аз фарзандаш рӯ гардондааст.

-Ин мисоли ягона нест, ки падару модарон аз фарзандони худ рӯй мегардонанд. Фарзандбезорҳо бисёранд, -мегӯяд Саидҷалол Наҷмиддинов. -Кормандони мо борҳо шоҳиди ҳол буданд, ки ҳангоми фарзандонашонро баргардондан падару модарон аз гирифтани онҳо саркашӣ намудаанд. Ба изофа суханони дағалу қабеҳ низ шунидаанд. Гӯё дар тарбияи фарзанд на онҳо, балки мо гунаҳгор бошем.

Набудани саробон дар оила сабаби ба роҳи нодуруст рафтани ноболиғон мегардад. Зеро касе на дар хона ва на дар мактаб аз болои эшон назорат намебарад. Чунин ноболиғон бештар бо кӯдакони мактабгурез, оворагарду бадахлоқ ҳамроҳ мешаванд. Ҳамсӯҳбати дигари мо Рамазони дувоздаҳсола аз ҳамин гурӯҳ будааст. Баъди вафоти падар модараш аз деҳа ба шаҳри Душанбе меояд. Ӯ дар тарбияи бибӣ ва холааш мемонад. Аз беназоратӣ аввал мактабро тарк карда, бо кӯдакони оворагард ошно гардид. Баъд барои вақтхушӣ ва бозиҳои компютерӣ ба дуздӣ оғоз намуд. Аз майдони сохтмони бино арматура ва дигар металҳои қиматбаҳоро бо ҷӯраҳои наваш дуздида мефурӯхтанд. Ба гуфти Рамазон ба ҳар килои метал 50 -дирамӣ медодаанд. Харидорон бошанд, гӯр сӯзад, дег ҷӯшад,- гуфтагӣ барин аз кӯдакон боре ҳам напурсидаанд, ки ин фулузотро аз куҷо дастрас мекунанд.

Аз рафтори Рамазон бибию холааш вақте огоҳ гаштанд, ки аллакай дер шуда буд. Онҳо Рамазонро хуб танбеҳ доданд ва ин боис шуду ӯ аз вилояти Хатлон роҳи Душанберо пеш гирифт. Аз модараш низ рӯйи хуш надид ва шабҳоро дар роҳравҳои зеризаминӣ ва ҳар ҷое, ки пеш меомад, рӯз мекард. Дертар ҳангоми шабгардӣ, дар кӯчаҳои шаҳр ин ноболиғ боздошт шуда, ба қабулгоҳ оварда мешавад.

Кормандони қабулгоҳ ба модари Рамазон сӯҳбат гузаронда, оиди он ки минбаъд ӯ дар куҷо бояд таҳсилу зиндагӣ намояд, ҳуҷҷат омода месозанд.

Дар давоми кори Саидҷалол Наҷмиддинов дар ин қабулгоҳ, ки қариб собиқаи 20-сола дорад, як насли оилавии оворагардон ба воя расидааст.

Ҳоло ба қабулгоҳ се нафар писархолаҳо оварда шудаанд, ки набера ва фарзандони ҳамин оворагардон мебошанд. Олим 12 сол дошта бошад ҳам, дар мактаб нахондааст. Ба гуфти худаш то шумораи сад ҳисоб мекунад, аммо навиштаву хонда наметавонад. Ҳисобро донистанаш бесабаб нест, зеро дар кӯчаҳо сақич, офтобпараст мефурӯшад. Аз хурдӣ ӯро бибиаш ба ин кор маҷбур кардааст ва ин як воситаи даромади оилаи эшон будааст. Олим падарашро надидааст, бо модараш низ қариб вонамехӯрад, зеро модараш бештар кӯчагардӣ мекунад ва холааш ӯро ба хона роҳ намедиҳад. Ин сенафарон, ки аз тарбия дур мондаанд, фарзандони он занҳое мебошанд, ки дар синни ноболиғию наврасӣ талбандагию оворагардиро касби доимии худ қарор дода буданд. Фарзандон низ идомадиҳандаи шуғли модарони худ мондаанд. Баъди омода кардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ онҳо ба мактаб-парваришгоҳ супурда мешаванд. Олим аз ин кор хурсанд аст.

Мегӯяд, ки мехоҳад хонда милитсионер шаваду ноболиғони оворагардро дошта, ба ин ҷо супорад.

Сардори қабулгоҳ-таҳвилгоҳи ноболиғони Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунии байни ноболиғон ва ҷавонони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон подполковники милитсия Латиф Зокиров якҷоя бо кормандони қабулгоҳ сабабҳои оворагардӣ ва ҳуқуқвайронкунии ноболиғон гардидаро муайян менамоянд. Дар асоси ҳуҷҷатҳои омоданамуда давоми як моҳ ноболиғон ба хона ва дигар муассисаҳои таълимӣ фиристода мешаванд.

Соли гузашта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 877 нафар ноболиғон боздошт ва ба қабулгоҳҳо оварда шудаанд. Аз ҷумлаи 588 нафари дар шаҳри Душанбе боздоштгардида 120 нафарашон духтаронанд. Аз ин шумора 559 нафарашон ба оила баргардонда шуданд.

Пас аз анҷоми барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо ба омӯзишгоҳҳои махсуси касбомӯзӣ ҳашт нафар, мактаб-парваришгоҳҳо панҷ нафар, созмони ҷамъиятии «Чароғи ҳидоят» панҷ нафар, мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ чор нафар фиристода шуданд.

Инчунин соли гузашта 28 нафар ноболиғон аз давлатҳои аъзои ИДМ ба ҷумҳурӣ баргардонда шуданд.

Кормандони қабулгоҳ маълумоти зарурироро ҷиҳати муайян намудани шахсияти онҳо, барқарорсозӣ дар муассисаҳои таълимӣ тайёр намуда, ба мақомоти давлатию ташкилотҳои ҷамъиятӣ пешниҳод мегардонанд.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

## БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Микдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 439/1-189 | Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ | А.Садуллоев 227-66-60 | Таъмири бинои ошхонаи Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 14.03.2012 9⁰⁰ |
| 440/1-191 | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Бензини АИ-92 ва АИ-95 | сомонӣ | 37300 | 05.03.2012 9⁰⁰ |
| 441/1-191 | Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ | А.Садуллоев 227-66-60 | Доруворӣ | номгӯй | 27 | 05.03.2012 9³⁰ |
| 442/1-192 | Донишкадаи молияи Тоҷикистон | А.Садуллоев 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 4 | 14.03.2012 9³⁰ |
| 443/1-193 | Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ | А.Садуллоев 227-66-60 | Молҳои тиббӣ | номгӯй | 6 | 05.03.2012 9⁵⁵ |
| 444/1-194 | Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | А.Садуллоев 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 49 | 05.03.2012 10³⁰ |
| 445/1-195 | Корхонаи махсуси давлатии ҷумҳуриявии «Тиллои Тоҷик» | А.Садуллоев 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 80 | 14.03.2012 10⁰⁰ |
| 446/1-196 | Корхонаи махсуси давлатии ҷумҳуриявии «Тиллои Тоҷик» | А.Садуллоев 227-66-60 | Маводи сохтмонӣ | номгӯй | 18 | 14.03.2012 10⁵⁵ |
| 447/1-197 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | А.Садуллоев 227-66-60 | Сӯзишвории дизелӣ L-62 Бензини АИ-92 | литр литр | 254000 10800 | 14.03.2012 11⁰⁰ |
| 448/1-198 | Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ | А.Садуллоев 227-66-60 | Мебел | номгӯй | 11 | 05.03.2012 11⁰⁰ |
| 449/1-199 | Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ | А.Садуллоев 227-66-60 | Маводи хӯрока | номгӯй | 24 | 05.03.2012 11³⁵ |
| 450/2-179 | Муассисаи давлатии «Хона – интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Ёвон» | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Либос | номгӯй | 30 | 05.03.2012 11⁵⁵ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак тибқи тартиби муқаррагардида кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

# АЗ ХАРИДИ «ПРОСТАДОНТ» ШАРМ НАМЕДОРАМ




Ба духтур муроҷиат кардан барои ман кори аз ҳама душвортарин аст. Ёд надорам, ки бори охир кай ба дармонгоҳ рафта бошам. Чанд сол пеш бошад, ба бемории илтиҳоби ғадуди олати таносул гирифтор шудам. Дард ҳамеша азият медод, вале боз ба духтур муроҷиат намекардам. Шарм медоштам. Чандин маротиба дар рӯзномаҳо оид ба бемориҳои ғадуди олати таносул мақолаҳо хондам. Зеро дар назди ҳамсарам сарамро боло карда наметавонистам. Бо вуҷуди ин, ба назди духтур намерафтам. Рӯзе яке аз дӯстонам ба беморхона афтоду ба аёдаташ рафтам.

Бемории ӯ ба ман монанд будааст. Дар бораи доруҳои истеъмолмекардааш пурсон шудам. Ба фикрам, ӯ фаҳмид, ки маро ҳам ин беморӣ азият медиҳад ва маслиҳат дод, ки дар беморхона бихобам. «Хатар дорад, аденома мешавӣ», - гуфт. Ба маслиҳати ӯ ҳам гӯш надодам. Таъкидан ӯ гуфт, ки бо худмуоличакунӣ машғул нашавам. Доруҳо зарар низ дошта метавонистаанд.

Пас аз қариб як соли дигар маҷбур шуда, назди ҳамон дӯстам рафтам, ки маро маслиҳат диҳад. Дард зиёдтар гашта буд. Ӯ ба ман истеъмоли «Простадонт»-ро тавсия кард. Гуфт, ки ба ӯ ҳам танҳо ҳамин дору кӯмак кардааст. Онро бе дорухати духтур ҳам харидан мумкин будааст.

Инак, ман худро хеле беҳтар ҳис мекунам. Ҳам шавқи зиндагӣ зиёд шудаасту ҳам шавқи муҳаббат. Аллакай бори панҷум аст, ки ман ин даворо харидорӣ мекунам ва аз харидани он шарм ҳам намедорам, зеро «Простадонт» сари баланду рӯйи сурхи ман аст.

***ШОДӢ, сокини ш.Душанбе.***

**Истеҳсолкунанда –Федератсияи Россия**.

# МАЪДАНҲОИ БАҲРИИ «ШИРЛАЙН» ҶАВОНТАРАМ КАРДАНД




Баъди ба дунё омадани тифли дуюмам ногаҳон фарбеҳ шудам. Шавҳарам дар аввали фарбеҳшавӣ «зеботар шудайӣ» мегуфту баъд аз гузаштани чанд муддати дигар ба истеҳзо гузашт. Сухани беҳтарини ӯ «пуфак барин дам кардайӣ» буд. Аз нуктагириҳои шавҳар ва хушдоманам асабонӣ шуда, хобро фаромӯш кардам. Вале нуктагириҳои онҳо зиёд гардид, чунки дар ҳамин ҳолат фарбеҳшавӣ идома дошт. Шояд аз асабоният буд, ки ман ҳар лаҳза таъом мехӯрдам…

Аз қаҳр чанд рӯз пайи ҳам рекламаҳои телевизиониро дар бораи харобшавӣ тамошо карда, ба дорухона рафтам. Бештари доруҳоро бо дорухати духтурон медодаанд. Зани русе маро маслиҳат дод, ки аз давои безарари навтарин-«Ширлайн», ки аз маъданҳои баҳрӣ истеҳсол карда мешавад, истифода намоям. «Ширлайн»-ро ба дили наҳор ҳар рӯз ҳамагӣ якмаротибагӣ (ду қошуқӣ дар 200 мл. оби ширгарм омехта намуда) истеъмол менамудаму аллакай пас аз 20 рӯз таъсирашро сад дар сад эҳсос намудам. Низоми хобам барқарор шуд, асабоният рафъ гардид ва хоҳ бовар кунед, хоҳ не, қариб 5 кило хароб шудам. Бар замми ин, пӯсти рӯям ҳам ҳамвору зебо гардидааст. Хаёл мекунам, ки ҷавонтар шудаам. Чандест, ки шавҳарам ба ман меҳрубон аст…

Ман минбаъд низ табобатро бо «Ширлайн» идома медиҳам.

Аз кӯдакӣ танҳо ширро дӯст медоштам, акнун «Ширлайн»-ро ҳам дӯст медорам!

***ШОИРА, омӯзгор.***

**Истеҳсолкунанда – Федератсияи Россия.**
**Маҳсулот дорои сертификат мебошад.**
**Телефон дар пойтахт -918-47-93-93.**
**Телефон дар вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он 985-33-33-17.**

# Обуна ба

## «АХБОРИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН» БАРОИ СОЛИ 2012 ДАВОМ ДОРАД

«Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» моҳе як маротиба бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба табъ мерасад.

«Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз се фасл иборат аст:

- дар фасли I қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар фасли II шартнома ва созишномаҳои байналмилалӣ, қарорҳои Суди конститутсионӣ;
-дар фасли III қарорҳои шӯроҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп мешаванд.

Нархи обунаи солонаи маҷалла, бе назардошти хизматрасонии КВД «Почтаи Тоҷик», 144 сомониро ташкил мекунад.

## Барҳам мехӯрад

ҶДММ «Восток и К»», дорои РМА 090002208, РЯМ 0910004425, воқеъ дар ноҳияи Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Хонақо, деҳаи Шӯроби афғон, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

ҶДММ «МНТ», дорои РМА 010085511, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Томин 10, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Шарипов Суҳробҷон Абдуқодирович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бо РМА 095487995 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор бо суроғаи ноҳияи Ҳисор, кӯчаи И.Сомонӣ 16 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

# СПЕЦИАЛЬНОЕ УВЕДОМЛЕНИЕ О ЗАКУПКАХ

## РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН

### Проект снижения потерь энергии

Республика Таджикистан получила грант от Швейцарского трастового фонда на реализацию Проекта снижения потерь энергии и предполагает использовать часть средств гранта на закупку автомобиля внедорожника.

Открытое акционерное общество «Таджиктрансгаз» приглашает всех правомочных поставщиков принять участие в тендере по поставке товаров описанных ниже. Конкурсные предложения будут оценены и контракт будет присужден участнику с наименьшей оценочной стоимостью.

Ниже приведен список закупаемых оборудований:

| № | Наименование продукции | Количество в штук |
|---|---|---|
| 1 | Автомобиль внедорожник | 2 |

Тендер будет проведен согласно процедурам международных конкурентоспособных торгов описанных в Руководящих Принципах Всемирного Банка: «Закупки по займам МБРР и кредитам МАР», а также открыты для всех участников из правомочных стран, указанных в Руководящих Принципах.

Для получения дополнительной информации, а также для просмотра тендерных документов, заинтересованные участники могут обратиться по нижеуказанному адресу: ОАО «Таджиктрансгаз» с $8^{00}$ до $17^{00}$ с понедельника по пятницу.

Полный пакет тендерных документов на английском и русском языках заинтересованные участники могут получить по предоставлению письменного заявления адресованного в ОАО «Таджиктрансгаз» или по электронный почте elrp.tajikgas@gmail.com

Заявки должны быть доставлены по нижеследующему адресу до $16^{00}$ 19 марта 2012 года. Заявки будут открыты в $16^{00}$ 19 марта 2012 года в присутствии представителей поставщиков, которые изъявят свое желание присутствовать. Заявки предоставленные после указанной даты, будут считаться недействительными и будут отклонены.

**Проект снижения потерь энергии**
**Открытое акционерное общество «Таджиктрансгаз».**
**Проспект Рудаки 6, каб. №9.**
**Душанбе, Таджикистан, индекс 734024.**
**Тел./Факс.: +(992 237) 27-67-97;**

# Ба таваҷҷуҳи молрасону пудратчиён!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияи созмоншудаи муштараки озмуни хариди **Бахши Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон** (минбаъд -мақоми Ваколатдор суроға: ш.Қӯрғонтеппа, кӯчаи Сино 3, (ошёнаи 4-уми бинои Сарраёсати молияи вилояти Хатлон, телефонҳо барои тамос:2-72-30; 2-25-78) ва ташкилоти Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмуни хариди номгуйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешавад, даъват менамояд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Микдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 26/7-10 | Идораи сохтмони асосии ш.Қӯрғонтеппа | М.Абдуллоева 83222-2-72-30 | Сохтмони хонаи истиқоматии 15-ошёна дар кӯчаи С.Айнӣ, ш.Қӯрғонтеппа | Тибқи лоиҳаи сохтмонӣ | | 12.03.2012 соати 10⁰⁰ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақоми Ваколатдор ба нишонии дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба нишонии дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодҳо қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодҳои довталабон аз ҷониби комиссияи муштарак тибқи тартиби муқаррагардида кушода мешавад. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.






## Эътибор надорад

Номаи камоли №А020414-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №3, ноҳияи Тавилдара (собиқ мактаби миёнаи №38, ноҳияи Комсомолобод) 6 июли соли 1990 ба Баёнов Аскар Сатторович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0020152 бо РЯМ 09300062664-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 24 декабри соли 2009 ба Абдухалили Нусратуллозода додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии №15-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон соли 2004 ба Ҳусейнов Абдулло Нуруллоевич додааст, эътибор надорад.

***

Патенти №0188660-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 24 августи соли 2011 ба Шарипов Суҳробҷон Абдуқодирович додааст, эътибор надорад.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

*Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз*

*Ба чопаш 22 феврали соли 2012, соати 17.40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26715 нусха*

*Навбатдори шумора Далер Мерганов*

*Тарроҳони компютерӣ* И. Самохин ва Н. Исмоилова